**ХУЛОСАИ НИҲОИИ**
**ШУРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-026 назди**
**МДТ “ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД**
**БА НОМИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ”**
**аз рӯйи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи**
**илмии номзади илмҳои педагогӣ**

**ПАРВАНДАИ АТТЕСТАТСИОНИИ №____________**
*Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 02.03. с.2024, № 28*

**БАРОИ САЗОВОР ДОНИСТАНИ СУРИЕВА ШАКАРМО ЧОРШАНБИЕВНА, ШАҲРВАНДИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ ИЛМИИ НОМЗАДИ ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ АЗ РӮИ ИХТИСОСИ 13.00.01 – ПЕДАГОГИКАИ УМУМӢ, ТАЪРИХИ ПЕДАГОГИКА ВА ТАҲСИЛОТ (ИЛМҲОИ ПЕДАГОГӢ)**

Диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзӯи **«Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров»**, дар шакли дастнавис аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) бо қарори №25 аз 22-юми декабри соли 2023 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026-и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» (735700,ш. Хуҷанд, г. Мавлонбеков 1) ба ҳимоя иҷозат дода шудааст.

Довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Суриева Шакармо Чоршанбиевна 27-уми июли соли 1977 дар деҳаи Вери ноҳияи Шуғнони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба дунё омадааст.

Мавсуф соли 2010 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии шаҳри Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоевро бо ихтисоси забон ва адабиёти тоҷик хатм намудааст. Ӯ аз соли 1996 дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №38-и деҳаи Вер фаъолияти омӯзгориро оғоз намуда, то соли 2014 дар муассисаи зикршуда ба ҳайси омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик кор кардааст. Бинобар иваз намудани манзили зист соли 2015 аввал дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4, пас аз он (соли 2017) дар гимназияи хонандагони болаёқат ба номи Абуалии Балъамии шаҳри Ваҳдат ба сифати омӯзгори забон ва адабиёти тоҷик фаъолият намудааст. Солҳои 2021-2022 дар вазифаи ходими калони илмӣ ва аз соли 2022 то ин ҷониб дар вазифаи мудири шуъбаи фанҳои технологияи (таълими меҳнат, тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии ибтидоии ҳарбии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон кор мекунад.

Диссертатсия дар шуъбаи педагогика, психология ва методикаи таълими Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шудааст.

Суриева Шакармо Чоршанбиевна аз соли 2020 ҳамчун унвонҷӯи шуъбаи тайёрнамоии кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (фармоиш аз 29.10.2020, № 9) фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бурдааст.

**Роҳбари илмӣ – Туронов Султонмурод Шарофович**, номзади илмҳои педагогӣ, сармутахассиси шуъбаи фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва технологияи инноватсионии таълими Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

**Шаропов Шавкатҷон Аҳмадович** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафед-раи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ-и “Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Бобоҷон

Ғафуров".

**Разоқов Хуршед Соҳибназарович** – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи психологияи умумӣ ва педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.

Муқарризони расмӣ ба диссертатсия тақризи мусбат додаанд.

**Муассисаи пешбар** - Донишгоҳи давлатии Данғара.

Муассисаи пешбар дар тақризи мусбати худ, аз 22.01.2024 (суратмаҷлиси №6), ки онро ректори муассиса доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Хайрзода Ш. тасдиқ кардааст, ба диссертатсия баҳои мусбат дода, аз он ҷумла қайд намудааст, ки "Бо назардошти авзои сиёсии номуайянии ҷаҳони муосир ба роҳ мондани омӯзиши асари бунёдии академик Бобоҷон Ғафуров "Тоҷикон" дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз воситаҳои зарурии такмили тарбияи ватандӯстии хонандагон ба шумор рафта, ҳадафи омӯзиш такмил ва нав кардани мазмуну шаклҳои корҳои беруназдарсӣ роҷеъ ба фарогирии осори таърихиву фарҳангии ниёкон, баланд бардоштани ҳиссиёт ва шуури миллӣ, эътиқод ва фаъолии шаҳрвандӣ, тарбия намудани хонандагон дар рухияи шаҳрванди худогоҳу худшинос ва ватандӯсту меҳанпараст мебошад.... Инчунин, бобҳо ва фаслу зерфаслҳои диссертатсия аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллифи рисола паҳлуҳои мухталифи масъаларо мавриди таҳқиқ қарор додааст ва зимни таълифи он аз маводи фаровон истифода кардааст.

Муҳаққиқ баробари баррасии масъалаи "тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир" таъкид кардааст, ки мактаби муосирро мебояд ба арзишҳои асосии таҳсилот афзалият дода, дар рушди шахс, дарки волои ватандӯстӣ, принсипи гуманистӣ, мафҳумҳои ваҳдат ва ифтихори миллӣ, баробарҳуқуқӣ, ҳамкорию ҳамдигарфаҳмӣ, таҳаммул ва ҳусни тафоҳуми хонандагон тадбирҳои зарурӣ ба амал барорад.

Ҳамчунин диссертант зимни таҳқиқот дар масъалаи «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва моҳияти тарбияи ватандӯстии он корҳои таҳқиқӣ бурда, сабабҳо, таърих ва ба чоп расидани онро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки омӯхтан ва донистани таърихи фарҳанги ниёгон аз як ҷониб, худшиносию худогоҳии миллии хонандагонро ташаккул диҳад, аз тарафи дигар, онҳоро ба сабақҳои таърих, арзишҳои милливу умумибашарӣ шинос намудаву ба камолоти маънавию маърифатӣ мерасонад. Аз ин рӯ, муассисаҳои тҳсилоти миёнаро мебояд дар ин самт тадбирҳои зарурӣ амалӣ намояд.

Муҳаққиқ зимни таҳқиқи боби дуюми диссертатсия «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва моҳияти тарбияи ватандӯстии он» сабабҳо, таърих ва ба чоп расидани онро муфассал шарҳу тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки омӯхтан ва донистани таърихи фарҳанги ниёгон аз як ҷониб, худшиносию худогоҳии миллии хонандагонро ташаккул диҳад, аз тарафи дигар, онҳоро ба сабақҳои таърих, арзишҳои милливу умумибашарӣ шинос намудаву ба камолоти маънавию маърифатӣ мерасонад. Аз ин рӯ, муассисаҳои тҳсилоти миёнаро мебояд дар ин самт тадбирҳои зарурӣ амалӣ намояд. Арзиши назариявии таҳқиқот дар он аст, ки ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудааст.

Дар маҷмӯ, омӯзиш ва таҳлили диссертатсия гувоҳӣ медиҳад, ки таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд. Ҷанбаи илмии рисола устувор, муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз сарчашмаҳои зарурӣ иқтибос овардааст. Ҳамзамон автореферати диссертатсия ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия,

навгонихои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Мӯҳтаво ва мундариҷаи асосии диссертатсия дар 9 интишороти илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз тарафи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маорифи ФР ба қайд гирифта шудааст, инъикос ёфтаанд.

Дар хулосаи тақризи муассисаи пешбар қайд шудааст, ки диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзӯи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров» ба талаботи бандҳои муайяни Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардида (бо назардошти Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми июни соли 2023, № 295 оид ба ворид шудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи мазкур), мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 — Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

***Аз таълифоти арзишманди муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ чоп шуда, дар худ мундариҷаи асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос кардаанд:***

1. Суриева Ш.Ч. Ватан, тарбияи ватандӯстӣ, вазифа ва мазмуни он дар мактаби муосир /Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон Душанбе, № 1(42) 2022. - С.52-57. (ISSN 2222-9809).
2. Суриева Ш.Ч. Роҳҳои ташаккули ифтихори ватандории наврасон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ / Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ.-Душанбе, № 4.(14).2022. - С. 52-56. (ISSN 2074-1847).
3. Суриева Ш.Ч. "Тоҷикон"- шиносномаи миллат ва раҳнамои ватандӯстӣ /Суриева Ш.Ч. [Матн] // Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. -Душанбе, № 2 (49). -С.104-108. (ISSN 96-99).
4. Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Б. Ғафуров /Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. -Душанбе, № 1(41)2023. -С.5-10. (ISSN 2617-5320).
5. Суриева Ш.Ч. "Тоҷикон"- асари бунёдӣ, хештаншиносӣ ва ватандӯстӣ/ Суриева Ш.Ч. [Матн] //Паёми Пажуҳишгоҳи рушди маориф. -Душанбе, 2023., № 2. - С.25-30. (ISSN 2074-1847).
6. Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Барномаи озмоишии омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. - Душанбе, "Сифат", 2022.-15с.
7. Туронов С.Ш., Суриева Ш.Ч. Бозтоби эҳсоси ватандорию ватандӯстӣ дар омӯзаҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, пажуҳишҳои академик Бобоҷон Ғафуров ва осори ниёгон (дастури методӣ). -Душанбе, "Сифат" 2023. -70 с.
8. Суриева Ш.Ч. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон // Маводи конференсияи илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Роҳ ва воситаҳои тайёр намудани омӯзгорони оянда ба корҳои тарбиявӣ дар мактаб" бахшида ба ҷашни 35 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 115-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон, академик Бобоҷон Ғафуров (8-9-уми июни соли 2023, ш.Хуҷанд). – Хуҷанд, 2023. - С. 284-289.
9. Суриева Ш. Ч. Ҷанбаҳои педагогӣ ва психологии тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон / маърӯза дар Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи "Асосҳои илмӣ-амалии фаъолияти психолог дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" (Донишгоҳи давлатии омӯзгории

Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ – ш.Душанбе - 24.02.2023).

**Ба автореферати диссертатсия тақризҳо аз тарафи шахсони зерин ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудааст:**

**Тақризи** 1. **Шербоев Саидбой**-доктори илмҳои педагогӣ,профессори кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода. Тақриз мусбат буда, муқарриз эрод надорад.

**Тақризи** 2.**Ҷӯраев Ҳасан** - номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таҳсилоти томактабии факултети педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. Тақриз мусбат мебошад, эрод надорад.

**Тақризи** 3.**Собиров Сафарбек** - номзади илмҳои педагогӣ, сардори раёсати илм ва инноватсияи МД Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф. Муқарриз тавсия медиҳад, ки дар кор баъзе хатогиҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи он ба фоидаи кор аст. Тақриз эроди махсус надорад.

**Тақризи** 4. **Насриддинова Майсара Муйдиновна** – номзади илмҳои педагогӣ, муаллимаи калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Тақриз мусбат буда, муқарриз эрод надорад.

Муқарризони беруна масъалаи таҳқиқшавандаро муҳим ва арзишманд ҳисобида, муаллифи диссертатсияи Суриева Шакарморо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) арзанда донистаанд.

***Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар*** дар асоси қарори Шурои диссертатсионии 6D. КОА-026 аз 22-юми декабри соли 2023, №25, тибқи талаботи бандҳои қисми “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, асоснок шудааст.

***Шурои диссертатсионӣ қайд мекунад, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ корҳои зерин анҷом дода шудаанд:***

- вазъи тарбияи ватандӯстӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ омӯхта шудааст;
- тарбияи ватандӯстии хонандагон-ҷузъи таркибии тарбияи маънавӣ муайян ва шарҳу тавзеҳ карда шудааст;
- вазифа ва мазмуни фаъолияти мактаби муосир оид ба тарбияи ватандӯстӣ, муайян гардидааст;
- мавқеи тарбияи ватандӯстӣ дар асари бунёдии “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров муайян карда шудааст;
- метод ва воситаҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши “Тоҷикон”-и Бобоҷон Ғафуров муайян карда шудааст;
- бо мақсади исбот намудани дурустии фарзияи таҳқиқот озмоишҳои педагогӣ гузаронида шудааст.

***Аҳамияти назариявии таҳқиқот*** аз он иборат аст, ки - - раванди фаъолияти таълимӣ ва шароиту нақши муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар тарбияи ватандӯстии хонандагон мавриди таҳлил ва тадқиқ қарор гирифтааст;

- зимни омӯзиш мавқеи асари бунёдии “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ошкор карда шудааст;
- асосҳои педагогӣ ва самарабахшии омӯзиши асари “Тоҷикон”-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо муайян карда шудааст;
- зимни корҳои озмоишӣ шароити педагогӣ ва воситаҳои ташаккули тарбияи ватандӯстии

хонандагон ҷиҳати омӯзиш ва ҳифзу ғанӣ гардондани мероси таърихиву фарҳангӣ амалӣ карда шудааст.

***Аҳамияти амалии натиҷаҳои таҳқиқотро бо*** *нуктаҳои зерин собит намуд*, ки:

- дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии рушди тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тарики озмоишҳо асоснок карда шуданд;

- мавкеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров дар тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нишондиҳандаву сатҳҳое, ки тарбияи ватандӯстии хонандагонро тавсиф мекунанд, муайян карда шуданд;

- метод, восита ва шаклҳои омӯзиши асари бунёдии "Тоҷикон" муайян ва унсурҳои алоҳидаву ҷузъҳои таркибии тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ коркард ва дакиқ карда шуданд;

- тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба ташаккули тарбияи ватандӯстии хонандагон ҳамчун сифати муҳимми касбии омӯзгорон коркард ва пешниҳод шуданд.

***Навгониҳои илмии таҳқиқот бо нуктаҳои зайл муайян карда шудаанд***:

- мавкеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров ҳамчун воситаи тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз ҷиҳати назариявию амалӣ асоснок карда шуд;

- бори аввал барномаи озмоишии махсуси омӯзиши «Тоҷикон»-и академик Бобоҷон Ғафуров ва модели педагогии ташаккули сифатҳои ватандӯстии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мавриди истифода карор дода шуд, ки самарабахшии таҳқиқотро ифода карда, арзишҳои миллӣ, таърихию фарҳангӣ, принсипҳои ташаккули ватандорию меҳанпарастӣ ва густариш додани онҳоро муттаҳид месозад;

- тавассути омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров фаъолиятҳои тарбиявию берун-азсинфӣ, хусусият, методу восита ва намудҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон дар шароити муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шуд, ки ба ташаккули худогоҳиву худши-носӣ, тарбияи ҳисси амики ватанпарварӣ, муҳаббат ба Ватан миёни хонандагон мусоидат менамояд.

***Асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот*** ба он асос меёбад, ки хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тибқи муқаррароти аввалияи назариявӣ; мантиқи илмии тадкиқи масъала тавассути интихоби методҳои ба предмет, ҳадаф ва вазифаҳои таҳқикот муносиб, давомнокии кори таҷрибавию озмоишӣ, таҳлили бонизоми натиҷаи ҷавобҳои иштирокчиёни таҳқиқот ба даст омаданд.

Дараҷаи асоснокӣ ва дурустии илмиву назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ, корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодшударо бо асосҳои зерин собит месозанд:

- асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ба воситаи назария ва амалияи кор тавассути омӯзиш ва таҳлили осори фалсафию ҳуқуқӣ, психологӣ, педагогӣ, тавассути истифодаи усули муқоисавӣ, асоснок кардани нуктаҳое, ки дар фарзияи таҳқиқоти диссер-татсионӣ пешниҳод карда шудаанд, муқоисаи натиҷаҳои бадастомада дар гурӯҳҳои таҷри-бавию озмоишӣ, таҷрибаи шахсии муаллиф ба сифати омӯзгор ва таҷрибаи амалии омӯзго-рони дар корҳои таҷрибавию озмоишӣ иштироккнамуда **таъмин карда шудаанд;**

- муқаррароти дар таҳқиқот пешниҳодшуда бо нукоти назариявӣ ва методологӣ, асоснокӣ ва комилан мувофиқ будан бо масъала ва предмети таҳқиқот ҷавобгӯ буда, рушди худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстию ифтихор аз ватанро дар ҷараёни корҳои беруназсинфӣ ва дарсҳои иловагӣ дармуассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ таъмин менамоянд;

- натиҷаи корҳои таҳқиқотӣ ва озмоишӣ аз тарики аниқсозӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маҷмуи методҳо, ки аз максаду вазифаҳои таҳқикот бо пурра кардани методикаҳои гуногун дар такя

бо таҷрибаи ҳосилшуда дар фаъолияти таълимии омӯзгорон ва хонандагон ҳангоми гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ бар меоянд, ба даст омадаанд;

- корҳои таҷрибавӣ-озмоишӣ ба натиҷаҳои санҷиш ва муқоисакунии маълумоти бадастомада (то озмоиш ва баъди озмоиш) оид ба усулҳи педагогии рушди худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстию ифтихор аз ватанро дар чараёни корҳои беруназсинфӣ ва дарсҳои иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёна.

***Саҳми шахсии муаллиф***, пеш аз ҳама, дар иштироки бевосита дар тамоми марҳалаҳои таҳқиқот: банақшагирӣ, интихоб ва асоснок намудани мавзӯъ, тартиб додани сохтори диссертатсия, муайян кардани ҳадаф, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, ҷустуҷӯй ва дарёфти адабиёти зарурӣ оид ба мавзӯи таҳқиқот, ҷамъоварӣ, таҳлил ва муназзам гардонидан ва коркарди маълумоти озмоиш, омода ва интишор намудани мақолаҳои илмӣ, иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, ҷамъбасти натиҷаҳои ба даст омада ва таҳияи диссертатсия ифода меёбад. Инчунин омӯзиш, таҳлил ва арзёбии роҳҳои гуногуни истифодаи восита ва шаклҳои тарбияи ватандӯстии хонандагон зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти омӯзгорӣ, ҳамчун масъалаи педагогӣ дар адабиёти илмӣ, педагогӣ ва равоншиносӣ; муайян кардани муҳтавои педагогӣ,моҳият ва мавқеи асари бунёдии "Тоҷикон"-и Бобоҷон Ғафуров дар фаъолияти омӯзгорӣ ва тарбияи ватандӯстии хонандаго ва пешниҳоди тавсияҳои методӣ, барномаи озмоишии омӯзишӣ барои омӯзгорон доир ба восита ва шаклҳои муосиру самарабахши тарбияи ватандӯстӣ дар раванди таълиму тарбия мебошад.

Аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

Ҳангоми овоздиҳии пинҳонӣ Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати **_11_ нафар**, аз онҳо **__5__ нафар** доктори илм аз рӯйи ихтисоси самти диссертатсияи баррасишаванда, чунин натиҷагирӣ шуд:

**тарафдори додани дараҷаи илмӣ __8_ нафар,**
**муқобили додани дараҷаи илмӣ __нест____нафар,**
**бюллетенҳои безътибор ____нест__,**

Шурои диссертатсионӣ дар ҷаласаи худ аз 2-юми марти соли 2024 ба чунин қарор омад, ки диссертатсияи Суриева Шакармо Чоршанбиевна дар мавзӯи «Тарбияи ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ зимни омӯзиши "Тоҷикон"-и академик Бобоҷон Ғафуров» кори таҳқиқотии анҷомёфтаи илмиву тахассусӣ буда, ба талаботи бандҳои қисми "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯй мебошад ва ба довталаб Суриева Шакармо Чоршанбиевна дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ дода шавад.

**Раиси Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026, доктори илмҳои педагогӣ, профессор** **Сабурӣ Х.М.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-026 доктори илмҳои филологӣ, дотсент** **Ҳамробоев Н.А.**

**02.03.2024с.**